# Тақриз.

Ба рисолаи Сафаров Холмад барои дарёфти дараҷаи унвони илмии номзади илмҳои таърих дар мавзӯъи «Таърих ва фарҳанги Роғ дар асри XIX ва ибтидои XX» (Проблемаи омӯзиши этнографӣ) ихтисоси 07.00.07.- мардумшиносӣ, этнология ва антропология.

Ба шарофияти соҳибистиқлол шудани Тоҷикистон имконият пайдо шуд, ки тоҷикон таърих ва тамаддуни заминҳои гузаштаи худро, ки тақдири онҳоро ба дасти дигарон додааст омӯзем. Имрӯз дар заминҳои таърихии тоҷикон узбак, қазоқ, қирғиз, тӯркман, чинӣ ва афғон зиндагонӣ менамоянд. Онҳо кушиши онро доранд, ки ин сарзаминҳоро ба аҷдоди худ нисбат диҳанд ва номи тоҷик ва тоҷикиятро аз байн баранд. Аз ҳамин лиҳоз омӯзиши таърихи тоҷикони бурун марзӣ лозим ва ҳатмӣ мебошад. Имрӯз дар Афғонистон пуштукунонии тоҷикон ошкоро мебошад. Аз ин ҷиҳат иқдоми Сафаров Х омӯхтани таърихи тоҷикони Роғи Афғонистон қобили дастгирӣ аст.

Аз баски, Роғ дар Авесто 12-умин кишвари офаридаи Аҳуро Маздо шуморида мешавад ва модари пайғамбари Ориён ҳазрати Зардушт Дуғдуға аз мулки Роғ будааст. Аз ин лиҳоз таваҷҷуҳи олимони авестошинос ба омӯзиши ин диёри тоҷикон хеле зиёд мебошад.

Забоншиносон бар он ақидаанд, ки забони Готҳо, забони модари Зардушт гӯиши Бохтари Шарқӣ аст, ки ба он Роғ, Дарвоз, Бадахшон, Дашти Ҷум ва ноҳияҳои ин бахши кӯҳистони тоҷик дохил мешаванд. Яъне ватани Авесто Бохтар, аз ҷумла замини тоҷикони кунунӣ мебошад ва омӯзиши этнографии он хеле ва хеле актуалӣ аст.

Яке аз хизматҳои муҳими Сафаров Х дар бахши омӯзиши ҷуғрофиёи таърихӣ вожаҳои Роғ мебошад. Имрӯз бахше аз авестошиносон бар он ақидаанд, ки Роғи авестоӣ, ватани модари Зардушт Рай Эрон аст. Имрӯз дар Роғ, Дарвоз ва умуман Тоҷикистон даҳҳо номҳои гуногун ба монанди: Роғун, Роғи Роғон, Кумроғ, Зингрог, Пуштароғ, Пастироғ, Барроғ Устроғ ва ғайра номҳо мавҷуданд ва ҳеҷ кадоме аз онҳо Рай нашуданд, яъне Рай Эрон ватани Зардушт шуда наметавонад, зеро вожаи Рай аз решаи роғ нест. Дигар ин, ки муаллифи Авесто ба географияи Эрони кунунӣ шинос набуд ва аз ин ҷиҳат номҳои таърихӣ ва топоннимии ин диёр ёд намешаванд.

Дар рисола садҳо номҳои топонимӣ ба монанди кӯҳҳои Фуруш, Шива, Шиварз, Валвалак омадаанд, ки дар Авесто ёд мешаванд. Деҳа ва мавзеъҳои Дараи Им, Ими Боло, Ими Поён, Имттал дар ин диёр мавҷуданд, ки

сарчашмаи хуби забонӣ мебошад. Масалан Им номи авестоии Ҷамшед аст ва кӯҳҳои Гималаи, Ҳимолои аз номи Ҷамшед реша мегирад. Номҳои мавзеъҳои дар рисола оварда, ба монанди Варсаҷ, Шива, Вурс, Ҷирм, Бадринг, Ғазгарак ба замони Авесто нисбат дошта, таърихи накам аз сеҳазор солро доранд.

Роғи Афғонистон аз се волусволӣ - 180 деҳа иборат буда, ҳамаи аҳолии онро танҳо тоҷикон ташкил менамояд. Аҳолии ноҳияи Ш.Шоҳинро низ роғиён ташкил мекунанд ва гӯишу русуми ба худ хос доранд, ки дар рисола қайд шудаанд.

Рисола аз панҷ боб иборат аст, ки маводи чор боби онро маълумотҳои мардумшиносӣ дар бар мегиранд, ки муаллиф ҷамъовари намуда ва хуб баррасӣ шудаанд.

Рисола ҳарфи нав дар омӯзиши таърихи этнографияи тоҷикони Афғонистон буда, муаллифи он Сафаров Х. сазовори унвони номзади илми таърих аст.

Роҳбари илмӣ, доктори илми таърих, академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Юсуфшоҳ Яъқубов.

Имзои Ю.Яқубовро тасдиқ мекунем
Нозири калони
идора /Файзуллоев Г.К./

ШУЪБАИ КАДРҲО